# ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

**Парвандаи аттестатсионии №___________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 16.06.2023, №18**

Барои сазовор донистани Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 14-уми апрели соли 2023 дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №29-и Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович, соли таваллудаш: 28.09.1978, тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори филиали минтақавии «Тавҳидбонк» дар ш. Хуҷанд.

Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович соли 1999 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуровро аз рӯйи ихтисоси физика хатм намуда, соли 2000 ба зинаи таҳсилоти дуюми Комплекси ягонаи таълимии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд (ҳоло Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд), ба ихтисоси молия ва қарз дохил шуда, онро соли 2003 хатм намудааст.

Дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мувофиқи бандҳои 4,3,7-протоколи №6 аз 29.01.2018 сол Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович ба ҳайси унвонҷӯ ба кафедраи кори бонкӣ вобаста карда шуд. Мавзуи диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 22.10.2019, суратҷаласаи №2 тасдиқ гардида, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода роҳбари илмии ӯ таъин карда шудааст.

Ҳамзамон дар ҳайси директори филиали минтақавии «Тавҳидбонк» - аввалин бонки исломии инноватсионии Тоҷикистон кору фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Шариф Раҳимзода -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Умаров Хоҷамаҳмад -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Бобоев Нозимҷон Мансурович –** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муаллими кафедраи молия ва андози Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Исмоилов А.А. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (протоколи №2 аз 16.05.2023) баррасӣ ва муҳокима карда шуда ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Асрорзода У.С. тасдиқ гардидааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи: «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ, ки бо “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 7 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Раҳмонов З.А. Асосҳои назариявии рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]/ З.А.Раҳмонов, Ш. Раҳимзода., // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – Душанбе. – 2022. - №3. - С. 168-175. ISSN 2310-3957.

[2-М]. Раҳмонов З.А.  Таҳлили муқоисавии бонкдории анъанавӣ ва бонкдории исломӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон [Матн] / З.А.Раҳмонов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – Душанбе. – 2022. - №4. - С. 196-205. ISSN 2310-3957.

[3-М]. Раҳмонов З.А. Равишҳои методологии ташаккул ва баҳодиҳии фаъолияти бонкҳои исломӣ [Матн] / З.А.Раҳмонов // Ахбори ДДҲБСТ. Хуҷанд. – 2022. - №4. – С. 198-205. ISSN:2413-2004.

[5-М]. Раҳмонов З.А. Тамоюлҳои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имконияти рушди бонкдории исломӣ [Матн] / З.А.Раҳмонов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. – 2023. - №1. - С. 78-85. ISSN:2663-0389

[5-М]. Раҳмонов З.А. Баҳодиҳии таъсири хавфҳо ба натиҷаҳои ниҳоии бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ш. Раҳимзода, З.А.Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2023. - №1. - С. 127-133. ISSN:2413-5151.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М]. Раҳмонов З.А.  Баъзе хусусиятҳои хоси бонкдории исломӣ дар ҷомеа [Матн]/ З.А.Раҳмонов // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи  «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ» ( ш. Душанбе, 26-уми ноябри соли 2021**).** Саҳ 579

[7-М]. Раҳмонов З.А. Таҷрибаи ҷаҳонии рушди бонкҳои исломӣ дар кишварҳои исломӣ ва ғайриисломӣ. Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо» ( ш. Душанбе, 11-уми марти соли 2023**).** Саҳ 212-221

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шуро ворид шуданд:**

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

1. **Азимов Абдумавлон Ҷалилович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эрод**:**

- Дар кор сатҳи хавфҳои бонкдории исломӣ бо низоми бонкдории анъанавӣ муқоиса ва мавриди таҳлили қарор дода шудааст. Ба ақидаи инҷониб, агар чунин таҳлили муқоисавӣ сурат мегирифт, бартариятҳои рақобатии бонкдории исломӣ (агар бошанд) ва сатҳи устувории бештари он нисбат ба бонкдории анъанавӣ ошкор мегардид.

1. **Раҳимзода М.И. -** номзади илмҳои иқтисод, дотсент, декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналимилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эрод:

- Сарфи назар аз дастовардхои назарраси илмӣ, аз автореферати диссертатсияи тақризшаванда фаҳмида намешавад, ки сабабҳои бисёр ба оҳистагӣ рушд кардани бонкдории исломӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон чӣ бошад. Чунки таҷрибаи кишварҳои пешрафта, масалан, Британияи Кабир нишон медиҳад, ки дар он дар як муддати кутоҳ бонкдории исломӣ ташаккул ёфта, ба зудӣ як қисмати назарраси бозори хизматрасониҳои бонкиро аз худ кардааст.

**2. Самандарзода Искандар Ҳусейн-** доктори илмҳои иқтисоди, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва оморӣ Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур бо чунин эродҳо:

-Зимни арзёбии дараёни ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Чумхурии Тодикистон аз равиши тахлили омилӣ истифода менамуд ба манфиати кор мебуд;

- Дар матни автореферат хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд.

**3. Уроқова К.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шӯъбаи назорати бонкии БМТ бо чунин эродҳо:

- Бояд довталаби дараҷаи илмӣ самтҳои минбаъдаи рушди бонкдории исломиро дар кишвар мушаххастар нишон медод;

-Унвонҷу бояд масъалаҳои рушди бонкдории исломиро аз нуқтаи назари санадҳои меъёрию ҳуқуқии сохавӣ мавриди баррасӣ қарор медод.

**5. Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- Роҳҳои такмили низоми бонкдории исломиро дар шакли нақша тасвир мекард.

- Тарзи осони кушодани равзанаҳои бонкдории исломиро дар дигар бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд нишон медод.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферати диссертатсия пешниҳодшуда мусбатанд ва дар онҳо қайд шудааст, ки эродҳои зикргардида арзиши илмии қисматҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва андешаҳои муаллиф хислати пешниҳодӣ ва тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назариявии бонкҳои исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***методология ва консепсияи*** ташаккули бонкдории исломӣ дар заминаи сарчашмаҳои илмӣ таҳқиқ гардида, дар ин асос як қатор мушаххасот вобаста ба таҳвулотҳои бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор

шуда, дар заминаи ин намудҳои гуногуни инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ ба табақаҳои гуногуни ҷомеа пешниҳод гардидаанд.

- ***таърифи муаллифӣ*** оид ба мафҳуми бонкдории исломӣ пешниҳод шудааст, ки тибқи он: "Бонки исломӣ ниҳоди ҷудогонаи бозорӣ буда, доираи васеи хизматрасониҳои молиявӣ-қарзӣ, инчунин тавсеаи ҳаракатҳои сармояи миллӣ ва байналмилалиро дар асоси риояи принсипҳои ҳуқуқи исломӣ - «шариат» дар шароити пешгӯинашавандаи рушди иқтисодиёт пешниҳод менамояд.

- ***методикаи*** баҳодиҳии фаъолияти бонкдории исломӣ дар тафовут бо бонкдории анъанавӣ истифода гардида, равишҳо ва принсипҳои эътимоднокӣ, даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, хароҷотбарорӣ, кифоягии сармоя, сохтор ва сифати дороиҳои бонк баҳогузорӣ карда шуда, ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии низоми бонкдории исломӣ ва анъанавӣ мушаххас шудааст.

- ***модели иқтисодӣ-математикӣ*** таҳия шудааст, ки мувофиқи он ба даромаднокии "Тавҳидбонк"-и исломӣ, сохтори дороиҳо ва уҳдадориҳо, инчунин арзиши сармояи муҳофизатии бонк таъсири нисбатан зиёд дорад. Исбот карда шудааст, ки рушди минбаъдаи бонкдории исломӣ аз ташаккули ниҳодҳои ҳамшафати муассисаҳои молиявии исломӣ, аз ҷумла ширкатҳои суғурта вобаста аст.

- ***самтҳои дурнамои*** рушди бонкдории исломӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуданд, ки онҳо: омода кардани кормандони баландихтисос дар соҳаи бонкдории исломӣ; паҳн намудани фурӯши маҳсулоти бонкии исломӣ; риояи принсипҳои шариати исломӣ дар бонки исломӣ; тақвият бахшидани ҳамкорӣ бо кишварҳое, ки дар самти рушди бонкдории исломӣ соҳиби муваффақияти назаррас шудаанд; дар Бонки миллии Тоҷикистон ва "Тавҳидбонк" ташкил кардани марказҳои доимоамалкунандаи омӯзишӣ оиди маблағгузории исломӣ; ташкили сохтори идоракунии махсуси ба хавф нигаронидашуда дар сохтори бонкдории исломӣ мебошанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***фарзияи*** асили илмие пешниҳод ва асоснок шудааст, ки дар сурати ташкил ва рушди бонкҳои исломӣ ва равзанаҳои бонкдории исломӣ дар сатҳи низоми бонкӣ муҳити солими рақобатӣ ба вуҷуд омада, дар натиҷа, аз ҳисоби зиёд шудани ҳиссаи онҳо дар поин овардани нархи хизматрасониҳо ва баланд шудани талаботи субъектҳои гуногуни иқтисодӣ ба амалиётҳои онҳо рушди иқтисодиёт таъмин мегардад.

- ***асосҳои*** илмӣ-консептуалии ташаккул ва фаъолияти бонкдории исломӣ таҳқиқ гардида, нақши он дар шароити муосир муайян карда шуда, моҳият ва хусусиятҳои фаъолияти бонкҳои анъанавӣ ва исломӣ муайян карда шуданд.

- ***равишҳои методие***, ки аз ҷиҳати миқдорӣ ва сифатӣ ба баҳо додани самаранокии бонкдории исломӣ дар муқоиса бо бонкҳои анъанавӣ имкон

медиҳанд, таҳқиқ гардида, ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии низоми бонкҳои исломӣ ва анъанавӣ мушаххас карда шуданд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок,**

- дар асоси таҳлилу муқоисаҳои илмӣ мафҳумҳои "бонкҳои исломӣ", "шариат" ба таври возеҳ пешниҳод шудаанд;

- дар марҳалаҳои ҳассоси иқтисодӣ таҳлил ва арзёбии ҷараёни устувории фаъолияти бонкҳо дар ҳамбастагӣ бо равандҳои гуногуни иқтисодӣ, ки онҳо алоқамандӣ бо равандҳои таъсиррасон ба устуворӣ, пардохтпазирӣ ва босуботии низоми бонкӣ доранд, ошкор карда шудааст.

- ***исбот*** карда шудааст, ки нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи фаъолияти бонкҳои ватанӣ моҳияти гуногунсамт доранд, ки бо мавҷуд набудани таҷрибаи кофӣ, норасоии маблағҳои муомилотӣ, малакаи пасти касбӣ вобаста аст.

- ***омилҳои*** ба рушди бонкдории исломӣ дар ҷумҳурӣ таъсиррасон бо мақсади ба инобат гирифтани онҳо ҳангоми фаъолият, ҳамчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳо оид ба беҳтар намудани бонкдории исломӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва васеъ намудани миқёси он бо роҳи тақвияти механизмҳои ёрирасони рушди он тавасути дурнамои нишондиҳандаҳои бонкдории исломӣ муайян шудаанд.

- ***механизмҳои*** як қатор бонкҳои низомсоз аз рӯи даромаднокӣ таҳқиқ гардида, ҳиссаи ҶСК "Тавҳидбонк" аз рӯи даромаднокӣ дар байни онҳо муайян карда шудааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- масъалаҳои ба бонкдории исломӣ дахлдор ва фаъолияти бонкии исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, тавсияю пешниҳодҳо дар асоси маълумотҳои дақиқи соҳавӣ, аз ҷумла маълумотҳои оморӣ, факту рақамҳои аз ҳисоботҳои вазорату сохторҳои бонкӣ гирифташуда асоснок карда шудаанд. Бинобар ин, татбиқи амалии пешниҳоду таҳлилҳои гузаронидашуда метавонанд ба заминаҳои минбаъдаи ташаккул рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

- ***методологияи*** баҳодиҳии бонкдории исломӣ дар заминаи методологияи бонкдории анъанавӣ пешниҳод шудааст, ки нишондиҳандаҳои зерин: эътимоднокӣ, даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, хароҷотбарорӣ, кифоягии сармоя, сохтор ва сифати дороиҳои бонкро дар бар мегирад.

- ***методологияи*** баҳодиҳии ҳиссаи мутлақ ва нисбии бонк дар бозор, хароҷоти сармоя, шумораи муштариён, ки бо нишондиҳандаҳои шабеҳи рақибони асосӣ муқоиса мегарданд, пешниҳод шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

-тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асоснокқунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он, таҳлил ва асоснокунии нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 7 корҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, **нашр гардидаанд**;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2018-2021 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф **маърӯза гардиданд**.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 09.06.2023 карори сазовор донистани Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба овоз монда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ҳузур доштанд. Аз 14 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ – 14 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**16 июни соли 2023**